**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) – Душанбе, 2024. – 56 саҳ.**

Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим аз муҳимтарин иқдомҳоест, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маориф барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ба роҳ мондааст. Аз соли 2016 инҷониб бо супориши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муносибати босалоҳият ба таълимро амалӣ намуда истодааст, ки фанни адабиёт низ монанди дигар фанҳои таълимӣ бояд вобаста ба ин талабот таҳқиқ шавад ва натиҷаҳои он дар кори таълиму тарбияи насли нав татбиқ гардад. Кори илмии З. Бобоева дар мавзуи "Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" дар асоси ин ҳадаф интихоб шуда, нахустин таҳқиқот доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим баъд аз истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бобоева З.Т. дар муқаддамаи кор мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи мавзуъро дақиқ муайян намудааст. Унвонҷӯ мавзуи таҳқиқро аз лиҳози назариявӣ асоснок, аз ҷиҳати методӣ таъбиру таъвил ва аз ҷиҳати амалӣ дар таҷриба аз озмоиш гузаронида, самараи натиҷаҳои таълим тавассути технологияҳои муосири педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои омӯзгору хонанда ва хонандамеҳвар шудани хонанда равона шудааст, пешниҳод кардааст. Лозим ба ёдоварист, ки унвонҷӯ бори аввал дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомиро вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида, усулҳои тадриси онҳо, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо далелҳои илмию методӣ собит намудааст. Навгониии дигари кор дар он зоҳир мешавад, ки дар илми педагогикаи тоҷик бори нахуст тамоюли гузаштан ба консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба, малака) ба миён гузошта шуда, натиҷаҳои он дар мисоли омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар МТМУ исбот шудааст. Қобили зикр аст, ки Бобоева Зарнигор методикаи таълими рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомиро

тавассути технологияҳои интерактивӣ таҳқиқ ва аз озмоиш гузаронида, натиҷаи онро пешниҳод намудааст, ки онро метавон ба ҳайси модули таълимӣ ҳангоми таълими шарҳи ҳол ва меросии адабии шоирони дигар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурд.

Бояд зикр намуд, ки дар автореферати диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна хатогиҳои имловӣ ба назар мерасад, киислоҳи он ба манфиати кор мебошад.

Автореферати диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи "Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13. 00.02.04 – назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, муовини ректор оид ба корҳои
тарбиявии Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Аминҷонова Мавлуда Самиҷоновна
E-mail: mavluda211973@mail.ru
Тел: 92 793 4499

Имзои М. Аминҷоноваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Муминова Д.М.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, кӯчаи А. Баротов 6. Тел: 5-06-34
« 19» апрели соли 2024.